ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба дессертатсияи Давлатова Рухшона Нодирхоновна дар мавзуи «Маҳсулнокии зироатҳои фосилави дар ҷараёни самаранок истифодабарии заминҳои корами обии ҷануби Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D 080101 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ, ноҳияи Данғара, с. 2026

Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Бо мақсади таъмини амнияти озуқавории мамлакат тавассути истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ, баланд бардоштани ҳосилхезии хок, истифода бурдани роҳу усулҳо ва воситаю технологияҳои нави парвариши зироатҳои кишоварзӣ ва истифодаи сарфакоронаву самараноки замин ва дигар омилҳоро истифода намудан зарур аст. Бинобар ин, дар як сол гирифтани 2-3 ҳосил дар як гектар омили баланд бардоштани ҳосили умумӣ дар шароити минтақаҳо ва дар маҷмуъ дар ҷумҳурӣ ба шумор меравад.

Диссертатсияи Давлатова Рухшона Нодирхоновна дар мавзуи “Маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ дар ҷараёни самаранок истифодабарии заминҳои корами обии ҷануби Тоҷикистон” дар баландии зиёда 329 то 445 метр аз саҳти баҳр дар давоми солҳои 2020-2023 дар Филиали Институти зироаткории АИКТ дар ноҳияи Кушониёни вилояти Хатлон ба анҷом расонида шудааст. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи мазкур, ба ҳалли мушкилоти соҳаи кишоварзӣ навъҳои нави зироатҳои фосилавӣ бахшида шуда, ба шаҳодатномаи ихтисоси 6D080101 -Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ мутобиқат менамояд.

Мубрамии мавзуи тадқиқот. Хусусиятҳои мусбати зироатҳои фосилавӣ дар он аст, ки баъд аз ҷамъоварии ҳосили анбӯҳи сабз дар хок вобаста ба зироат боқимондаҳои решапоягӣ боқӣ мемонад, ки ба ҳосилхезии хок ва ҳосилнокии зироатҳои баъд киштшаванда мусоидат менамоянд. Ин иқдом барои таъмини амнияти озуқавории ҷумҳурӣ низ нақши муҳимро нишон медиҳад ва ба кулли кишоварзон барои дар истеҳсолот ҷорӣ намудани чунин таҷрибаҳоро мусоидат менамояд.

Аз ин лиҳоз, тадқиқотҳои бисёрсола, ки ба интихоби дурусти зироатҳои фосилавӣ, таъсири онҳо ба ҳосилхезии хок, ба зироатҳои баъд киштшаванда ва кор карда баромадани усулҳои илман асосноки самаранок истифодабарии заминҳои корами обӣ бо мақсади рӯёнидани якчанд ҳосил аз як қитъаи замин дар шароити ҷануби Тоҷикистон равона шудааст, актуалӣ ва аҳаммияти илмию амалӣ дорад. Бинобар ин

муҳимияти омӯзиши навъҳои нави зироатҳои фосилавӣ дар шароити ҷумҳурӣ, бахусус ноҳияи Кушониёни вилояти Хатлон имкон додааст, ки докторант аломатҳои арзишнокии онҳоро муайян намуда, навъҳои серҳосил барои истеҳсолот, интихоб ва пешниҳод намояд.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар дессертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд. Муаллиф асоснок мекунад, ки дар асоси омӯзиши ҳамаҷониба бори аввал гузариши марҳилаҳои фенологӣ, маҳсулнокӣ ва ҳосилнокии 9 намуди зироатҳои кишоварзиро дар шароити ноҳияи Кушониёни вилояти Хатлон муайян намудааст.

Барои расидан ба ҳадафи илмиаш, докторант Давлатова Р.Н. чунин нуқтаҳои муҳими илмиро ба ҳимоя пешниҳод намудааст:

-хусусиятҳои тараққиёт, инкишофёбӣ ва мушоҳидаҳои фенологии навъҳои нави зироатҳои санҷишӣ дар даврaҳои нашъунамо;

-муайян намудани захираи анбӯҳи сабз, боқимондаҳои решапоя ва таъсири он ба ҳосилхезии хок ва зироатҳои баъдкиштшаванда;

-маҳсулнокии парвариши зироатҳои санҷишӣ дар ҷараёни самаранок истифодабарии заминҳои обӣ ва самараи иқтисодии рӯёнидани на кам аз 3 ҳосили самарабахш дар як сол.

Бинобар ба даст овардани натиҷаҳои назарраси илмӣ, ки аллакай дар 22 гектар татбиқ шудаанд, нуктаҳои болозикрро тасдиқ менамоянд.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳо дар диссертатсия ифодаёфта: Натиҷаҳои асосии тадқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф ҳамасола дар ҷаласаҳои Шурои олимони Институти зироаткории АИКТ (дар тӯли солҳои 2020-2023) муҳокима карда шудаанд. Корҳои илмию тадқиқотҳои саҳроию озмоишӣ, таҳлили натиҷаҳои илмии ба даст овардашуда ва муайян намудани самаранокии иқтисодии парвариши навъҳои зироатҳои фосилавӣ корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар асоси усули тачрибаҳои саҳроии Б.А. Доспехов, [47, с. 248] ва ба роҳ мондани усулҳои пайдарпайи парвариш намудани зироатҳо, муайян кардани маҳсулнокии зироатҳои кишти фосилавию ангорӣ вобаста ба муҳлатҳои кишт, коркарди математикӣ ва омории маълумоти бадастомада, муқоисаи натиҷаи тадқиқот бо тачрибаҳои ватанӣ ва бурунмарзӣ, эътимоднокии қонуниятҳои муқарраркардашуда, хулосаҳо ва самараи иқтисодии рӯёнидани на кам аз 3 ҳосил дар давоми сол мебошанд. Хулоса ва пешниҳодҳо ба тадқиқоти илмӣ асос ёфтаанд.

Ҳаҷм ва сохтори дессертатсия. Диссертатсияи Давлатова Р.Н. дар 174 саҳифаи матни компютерӣ таҳия гардида, аз муқаддима, 6 боби асосӣ, хулоса, тавсия оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқот,

замимаҳо ва рӯйхати адабиёти истифодагардида мебошад. Кор бо 52 ҷадвал, 16 расм ва 7 диаграмма ороиш дода шудааст. Рӯйхати адабиёти истифодагардида 177, аз ҷумла 4 адабиёти хориҷиро дарбар мегирад.

Дар муқаддима аҳаммияти тадқиқот асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети тадқиқот, навгонии илмӣ, аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадаст овардашуда муайян шудаанд.

Дар боби якуми рисолаи диссертатсионии Давлатова Р.Н. маълумотҳои зарурӣ аз адабиётҳои гуногуни муаллифҳои зиёди Ватаниву хориҷӣ доир ба сарчашмаҳои таърихӣ (иборат аз 23 саҳифа) дар чор зербоб, аз ҷумла, зербоби якум зироатҳои фосилавӣ ва аҳаммияти онҳо, зербоби дуюм маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ вобаста ба муҳлати кишт, зербоби сеюм таъсири зироатҳои фосилавӣ ба ҳосилхезии хок ва ҳосилнокии зироатҳои баъдкиштшаванда ва дар зербоби чорум бошад, самаранокии заминҳои корам аз истифодаи зироатҳои фосилавӣ дар пайвастагӣ бо зироатҳои баъдкиштшаванда баён менамоянд.

Дар боби мазкур маълумоти зарурӣ оид ба таърихи корҳои илмӣ дар Тоҷикистон, саҳми олимони тоҷик оид ба даст овардани навъҳои нави зироатҳои фосилавӣ дар зербоби алоҳида бо маълумотҳои бештар оварда мешуд, аҳаммияти корро боз пурратар мегардонид.

Дар боби дуюми рисола докторант маълумотҳои муҳимро доир ба нишондодҳои иқлим, таркиби хок, оид ба навъҳои нави зироатҳои фосилавӣ, ки дар тадқиқот истифода шудаанд, ҳамаи усулҳои гузаронидашудаи илмиашро дар дар ду зербоб- якум, шарҳи хоку иқлим ва макони таҷрибавӣ, зербоби дуюм методика ва объектҳои тадқиқот овардааст.

Дар ин боб аз тарафи муаллиф баҳисобгирӣ ва мушоҳидаҳои фенологии ба нақша гирифташуда пурра дарҷ карда шудаанд.

Дар боби сеюми рисола натиҷаҳои тадқиқот оварда шуда, маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ дар пайвастагӣ бо зироатҳои баъдкиштшаванда баён гаштаанд, ки фарогири 6 зербоб буда, 39 саҳифаро ташкил мекунад.

Дар зербобҳо оид ба сабзиш ва инкишофёбии зироатҳои фосилавӣ; маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ вобаста ба намуд ва муҳлати кишт; сабзиш ва инкишофи зироати ҷуворимакка вобаста ба пешинакишт; маҳсулнокии зироати ҷуворимакка вобаста ба пешинакишт; сабзиш, инкишоф ва маҳсулнокии зироатҳои хӯроки чорво дар кишти сеюм; маҳсулнокии бозрӯйидаи зироатҳо вобаста ба муҳлати ҷамъоварии ҳосили анбӯҳи сабз (пешинакишт) маълумотҳои саҳеҳи дорои арзишноки илмӣ пешниҳод гардидаанд.

Дар зербоби аввал муаллиф дарҷ намудааст, ки шароити иқлимии фаслҳои тирамоҳ-зимистон ва аввали баҳори минтақаи таҷрибавӣ барои парвариши зироатҳои фосилавӣ ва истеҳсоли хӯроки чорво ниҳоят мувофиқ аст.

Дар боби мазкур муаллиф кӯшиш намудааст, ки фарқияти аломатҳои омӯхташударо бо тағирёбии иқлим, ҳарорату боришотҳои солҳои омӯзиш алоқаманд баҳогузорӣ намояд. Муаллиф қайд менамояд, ки бо назардошти бақайдгирии боришотҳо дар солҳои тадқиқот 2020-2023 ва мутаътадилшавии ҳарорати иқлими минтақа дар ин солҳо натиҷаҳои назаррас ба даст омадааст. Дар охири боб аз тарафи муаллиф маҳсулнокии бозрӯйидаи зироатҳо вобаста ба муҳлати ҷамъоварии ҳосили анбӯҳи сабз (пешинакишт) баррасӣ намуда, навъҳои арзан ва мушунгро серҳосил ва ояндадор баҳогузорӣ менамояд.

Боби чоруми рисола дар бораи натиҷаҳои тадқиқот оид ба маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ дар пайвастагӣ бо пахта ва зироатҳои хӯроки чорво маълумотҳои мукаммал оварда шуда, аз се зербоб иборат аст ва дар 34 саҳифа баррасӣ гардидааст. Докторант дар ин боби рисола зербобҳои сабзиш, инкишоф ва маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ; сабзиш, инкишоф ва ҳосилнокии зироати пахта вобаста ба пешинакишт; маҳсулнокии зироатҳои хӯроки чорворо дар алоҳидагӣ баҳогузорӣ карда, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст.

Ҳосилнокии анбӯҳи сабзи сурепитса дар кишти алоҳида ба ҳисоби миёна 243 с/га ва дар кишти омехта зиёд шуда, ба 296-353 с/га расидааст, ки ин фарқият нисбати кишти тозаи сурепитса 53-113 с/га –ро ташкил медиҳад.

Исбот карда шудааст, ки парвариши пахта дар заминаи зироатҳои фосилавӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ манфиатнок мебошад. Даромади умумии пахта вобаста ба пешинакишти сурепитса дар кишти тоза 27520 сомонӣ/га, даромади соф 12700 сомонӣ/га, арзиши аслии 1 сентнер пахта 431 сомонӣ/га ва дараҷаи даромаднокӣ 86%-ро ташкил намудаст.

Аз таҳлилҳои муаллиф бармеояд, ки ҳосилнокии анбӯҳи сабзи офтобпараст+мушунг вобаста ба муҳлати кишт 589-618 с/га-ро ташкил намуда, ҳосили бештар аз кишти 7-8-уми август рӯёнида шудааст. Аз ҳосили умумии анбӯҳи сабз ҳисаи мушунг вобаста ба муҳлати кишт 23-25%-ро ташкил медиҳад.

Дар боби панҷум маълумотҳо оид ба маҳсулнокӣ ва самараи иқтисодии парвариши 4 ҳосили анбӯҳи сабз дар системаи самаранок истифодабарии заминҳои корами обӣ дар шароити минтақаҳои водигӣ

дарҷ гардидааст. Дар ин боб муаллиф харoҷотҳои истеҳсолии воқеиро барои як гектар зироатҳои кишоварзӣ дар шароити водигӣ муқаррар намуда, дар асоси он самаранокии иқтисодии навъҳоро муайян намудааст.

Докторант қайд намудааст, ки рӯёнидани чор ҳосили анбӯҳи сабз дар як сол манфиатнок буд ва аз ҷамъи чор ҳосил дар як сол 17146 сомонӣ/га даромади соф гирифта шуд.

Дар боби шашуми рисола хулосаҳои арзишманди илмию амалӣ оид ба натиҷаҳои ба даст овардаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ мухтасар баррасӣ гардидааст.

Хулоса аз 10 банд иборат буда, асоси натиҷаҳои илмию амалии бадастомада ҳисобида мешавад ва диссертатсия бо се тавсияҳои судманд ба истеҳсолот ҷамъбаст гардидааст.

Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии дессертатсия. Аҳаммияти тадқиқотҳои илмӣ дар он аст, ки дар натиҷаи гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ оид ба маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ, навъҳои нави зироатҳои кишоварзӣ донишҳои нав ба даст оварда, аз натиҷаи омӯзишҳо ба истеҳсолот пешниҳод намудани навъҳои нави ояндадори дорои ҳосили баланди зироатҳои фосилавӣ мебошад.

Барои дар амал ҷорӣ намудани таҷрибаҳои гузаронидашуда роҳҳо ва муҳлатҳои дақиқ нишон дода шудааст, ки барои истеҳсолотчиён дастури тавсиявӣ шуда метавонад.

Аҳаммияти иқтисодии кори дессертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бо истифода аз навъҳои иқтидори баланди маҳсулнокӣ ва ҳосилнокӣ дошта дараҷаи даромаднокии парвариши зироатҳои хӯроки чорво дар заминаи кишти пахта даромади соф аз ҷамъи се ҳосил 17183 сомонӣ/га–ро ташкил намуд. Инчунин рӯёнидани чор ҳосили анбӯҳи сабз дар як сол манфиатнок буд, ки дар як сол 17146 сомонӣ дар як гектар даромади соф ба даст оварда шудааст.

Нашри натиҷаҳои тадқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои тадқиқот дар 14 маводи интишоротӣ, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар маводи конференсияҳои ҷумҳуриявӣ илмиву назариявии ДАТ ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ба таб расиданд, ки мазмуну мундариҷа ва муҳтавои асосии тадқиқотро комилан фаро мегиранд.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ. Диссертатсияи Давлатова Рухшона Нодирхоновна

дар мавзуи “Маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ дар ҷараёни самаранок истифодабарии заминҳои обии ҷанубии Тоҷикистон” дар асоси талаботҳои “Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва афтореферати диссертатсия”, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Афтореферат, ки аз дессертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбие, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолати баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Кор аз хатогиҳои имлоиву техникӣ холӣ нест, Масалан, дар саҳифаҳои 9, 14, 16, 21, 23, 48 ва ғайра.
2. Дар ҷадвали 2.1.5. Боришоти миёна нишон дода шудааст, вале ҷамъи он нишон дода шудааст, яъне нишондоди навиштаҷоти ҷадвал нодуруст аст.
3. Меъёри кишти зироатҳо дар кишти танҳо ва омехта оварда нашудааст, таносуби зироатҳо чӣ тавр муайян карда шудааст дар методика асоснок нашудааст.
4. Хатогии миёна (M±m) танҳо дар ҷадвали 3.6.2 оварда шудааст, дигар маълумоти ҷадвалҳо аз ҷиҳати оморӣ асоснок карда нашудааст.
5. Дар ҷадвали 4.2.6. Сифати технологии нах вобаста аз пешинакишт нишон дода шудааст, ки ин нишондиҳандаҳои сифати нахро танҳо дар ташхисгоҳи замонавӣ муайян кардан мумкин аст. Дар кадом ташхисгоҳ муайян карда шудаанд дар методикаи рисола оварда нашудааст.
6. Дар саҳифаи 120 дарҷ карда шудааст, ки пеш аз ҷамъоварии ҳосил 10-15-уми август зичии ниҳолҳо ва шумораи кӯракҳо ҳисоб карда шуд, вале натиҷаи он дар ягон ҷои рисола нишон дода нашудааст, ба ҷуз сурати замимаи 12.
7. Дар ҷадвали 4.3.2 ва 4.3.3 пешинакишт пахта аст, лекин кишти зироатҳои пасоянда (офтобпараст+мушунг) аз 7 то 14 август гузаронида шудааст. Инро чӣ тавр фаҳмидан мумкин аст?

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Давлатова Рухшона Нодирхоновна дар мавзуи «Маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ дар ҷараёни самаранок истифодабарии заминҳои корами обии ҷануби Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)–доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080101–Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)–доктор аз рӯйи ихтисоси зироаткории умумӣ, растанипарварӣ мебошад.

Муқарризи расмӣ:
номзади илмҳои кишоварзӣ,
дотсенти кафедраи агротехнологияи
Донишгоҳи давлатии Данғара — Ҳафизов Абдунасир Абдукаримович

Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара,
кӯчаи Марказӣ, бинои 34/1, ҳуҷраи 9.
E-mail: **abdunasir.khafizov@mail.ru**,
Тел.: (+992) 907-80-07-09; (+992) 934-20-10-05.

Имзои Ҳафизов А.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус — Тоирзода С.Т.

ШУЪБАИ КАДРҲО

Суроғаи муассиса:
735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, шаҳраки Данғара,
кӯчаи Марказӣ, 25.
Тел.: 833312-22806
E-mail: dddangara2013@mail.ru

2-юми феврали соли 2026